# Маҳфили илмӣ-адабӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ, бузургдошти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва таблиғи шоҳномахонӣ

Submitted by Ҳайати тадорукот on 30 September, 2025 - 17:05

[1]

30 сентябри соли 2025 дар толори Коллеҷи хореографии ба номи Малика Собирова бо ташаббуси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маҳфили илмӣ-адабӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ, гиромидошти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва таблиғи шоҳномахонӣ баргузор гардид.
Дар он кормандони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.
Дар маҳфил Абдуллозода Умеда муовини Раиси ҲХДТ, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сахидод Раҳматуллозода, шоирони халқии Тоҷикистон

Назри Яздон ва Хайриддин Хайрандеш иштирок ва суханронӣ карданд.
Ҳамчунин, аз ҷониби ҳунармандони театри "Ҷавонон" ба номи Маҳмудҷон Воҳидов порчае аз "Шоҳнома"-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ манзури ҳозирин гардонида шуд. Бо садо додани сурудҳо ва порчаҳо аз ашъори Мавлоно ва дигар бузургони адаб маҳфил рӯҳияи баланду маънавии хосса гирифт.
Дар фарҷом як зумра фаъолони ҳизб бо медали ҷашнии "30-солагии ҲХДТ" ва Сипосномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

**Content rating:** Select rating
Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

-

**Source URL:**https://istilohot.tj/en/node/7173

**Links**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/556103639_122175416606462396_2999143164740709320_n.jpg [2] https://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/556103639_122175416606462396_2999143164740709320_n.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/556516484_122175416648462396_3195470625759397214_n.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/557523457_122175416690462396_7480178597870081186_n.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/558295019_122175416732462396_8191536084083606800_n.jpg